Добавил(а) Administrator
03.09.13 18:45 -



Санаи 3 сентябри соли 2013 вохӯрии Раиси Комиссияи байниидоравии мубориза ба мукобили хариду фурӯши одамон Рачабов А.Р. бо Сафири Штатхои Муттахидаи Америка хонум Сюзан Эллиот доир гардид.

Дар вохӯрии мазкур хамчунин котиби дуюми Сафорати ШМА дар Точикистон оид ба масъалахои сиёсӣ ва иктисодӣ Хизер Чонстон, корманди Сафорати мазкур Умед Хошимов, котиби сеюми Раёсати шартномавӣ-хукукии Вазорати корхои хоричии Чумхурии Точикистон Нигина Солибоева ва муовини мудири Шӯъбаи мудофиа ва тартиботи хукукӣ Абдуллоев А.Р. иштирок намуданд.

Ба андешаи Сафир Сюзан Эллиот мубориза ба мукобили хариду фурӯши одамон мухим арзёбӣ гардида, дар махаки сиёсати имрӯзаи Хукумати Штатхои Муттахидаи Америка карор гирифтааст. Бо камоли хушнудӣ кайд гардид, ки Точикистон дар самти муковимат ба савдои одамон ба натичахои назаррас ноил гардидааст. Дар баробари таъкиби чиноятии ашхосе, ки ба истисмори шахвонӣ даст доранд, Точикистон дар минтакаи Осиёи Марказӣ кишваре мебошад, ки чихати бартараф намудани истисмори мехнатии кӯдакон дар сахрои пахта тадбирхои муассир андешидааст. Бо назари нек ба фаъолияти босамари Комиссияи байниидоравӣ изхори умедворӣ карда шуд, ки Точикистон дар оянда низ бахри такмили конунгузорӣ ва татбики амалии он дар сохаи муковимати мачмӯӣ бо хариду фурӯши одамон кадамхои мустахкам мегузорад.

Раиси Комиссияи байниидоравӣ Рачабов А.Р. аз хамкории мутакобилан судманди Комиссия бо Сафорати Штатхои Муттахидаи Америка изхори каноматмандӣ намуда, ёддовар шуд, ки дар асоси хамкорихои дучониба 10 ноябри соли 2010 Хукумати ШМА ба Маркази миллии таълимии зидди хариду фурӯши одамон дар назди факултаи хукукшиносии Донишгохи Миллии Точикистон ба маблаги 60 000 доллари америкоӣ кӯмаки техникӣ пешниход намуд. Айни замон ин Марказе мебошад, ки дар он мутахассисони соха омода карда мешаванд.

Аз 10 августи соли 2010 лоихаи нави Агентии Штатхои Муттахида оид ба рушди байналмилалӣ дар сохаи пешгирии хариду фурӯши одамон дар Точикистон оғоз гардид, ки маблағи он дар давоми 3 сол  1 миллиону 100 хазор доллари америкоиро  ташкил медихад. Зикр шуд, ки лоихаи мазкур аз чониби Созмони байналмилалии мухочират бо сифати баланд татбик гардида истодааст.

Дар чараёни вохӯрӣ масъалахои вобаста ба тахияи лоихаи Конунхои Чумхурии Точикистон “Дар бораи муковимат ба савдои одамон” ва “Дар бораи расонидани кӯмак ба курбониёни савдои одамон”, Гузориши навбатии Департаменти давлатии Штатхои Муттахидаи Америка оид ба кӯшишхои Хукумати Точикистон дар самти мубориза ба мукобили хариду фурӯши одамон ва дигар масъалахои чойдошта дар самти тахкими хамкорихо баррасӣ карда шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки лоихаи конунхои Чумхурии Точикистон “Дар бораи муковимат ба савдои одамон” ва “Дар бораи расонидани кӯмак ба курбониёни савдои одамон” дар баррасии Дастгохи ичроияи Президент карор дошта, дар хошияи гузориши зикршуда бахри татбики тавсияхо Накшаи чорабинихои иловагӣ дар самти мубориза ба мукобили хариду фурӯши одамон дар Точикистон барои солхои 2013-2014 тасдик гардидааст.

Сафир Сюзан Эллиот иброз намуд, ки масъалаи маблағгузории сохтмони Маркази мубориза ба мукобили хариду фурӯши одамон дар назди Вазорати корхои дохилӣ халли худро пайдо намудааст ва коршиносони соха мушкилихои техникии татбики ин лоихаро баррасӣ карда истодаанд.

Чонибхо таквият бахшидани фаъолияти Маркази таълимии мубориза ба мукобили хариду фурӯши одамони факултаи хукукшиносии Донишгохи миллии Точикистонро мухим шуморида, пешниход карданд, ки чихати дар заминаи Маркази мазкур баргузор намудани силсилаи чорабинихои омӯзишӣ барои кормандони макомоти хифзи хукук, сохаи тандурустӣ, равоншиносӣ, хифзи ичтимоӣ, кор бо чавонон, кор бо занон ва оила ва дигар макомоти дахлдор лоихаи дахлдорро тахия карда шавад. Ба максад мувофик шуморида шуд, ки дар лоихаи мазкур баргузор намудани курсхои омӯзишӣ барои кормандони макомоти дахлдори давлатхои хоричӣ низ бояд пешбинӣ карда шавад. Сафорат дар навбати худ масъалаи дастгирии лоихаи мазкурро дар доираи имкониятхои дастрас баррасӣ менамояд.

Вобаста ба тахият лоихаи Накшаи миллии муковимат ба хариду фурӯши одамон дар

Чумхурии Точикистон барои солхои 2014-2016 низ ба рох мондани хамкорихои тарафайн зарур шуморида шуд.

Вохӯрӣ дар фазои хусни тафохум ва якдигарфахмии комил баргузор гардид.